## Шарҳи моҳонаи таваррум • Июли 2021

**Сатҳи таваррми моҳона пас аз раванди пастравӣ (моҳи июн) доштан дар моҳи июли соли равон бо нишондиҳандаи мусбат ҷамъбаст гардида, ба 0,4 фоиз[1] баробар шуд, ки дар муқоиса ба ҳамин моҳи соли қаблӣ ба андозаи 0,1 банди фоизӣ (б.ф.) зиёд мебошад.**

Дар моҳи баррасишаванда таваррми ҳосилшуда аз ҳисоби болоравии нархи маҳсулоти хӯрокворӣ 0,3 фоиз (саҳм дар таваррум 0,2 б.ф.), молҳои ғайрихӯрокворӣ 0,4 фоиз (0,1 б.ф.) ва хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ 0,7 фоиз (0,1 б.ф.) ба амал омад.

Дар сохтори маҳсулоти хӯрокворӣ бештар қиматшавии нархи миёнаи маҳсулоти серистеъмоли аҳолӣ, аз қабили биринҷ 1,3 фоиз, гӯшти гов 0,5 фоиз, гӯшти гӯсфанд 1,3 фоиз, равғани пахта 1,6 фоиз, равғани офтобпараст 0,9 фоиз, карам 13,8 фоиз, картошка 6,0 фоиз, пиёз 5,0 фоиз, сабзӣ 4,0 фоиз ва бодиринг 2,4 фоиз ба назар расид.

Дар баробари ин, коҳишёбии нархи миёнаи баъзе аз маҳсулоти хӯрокворӣ, аз ҷумла орди навъи якум 1,4 фоиз, тухм 2,5 фоиз, шакар 0,5 фоиз, ангур 5,8 фоиз, помидор 24,7 фоиз ва ғайра ба қайд гирифта шуд.

Аз молҳои ғайрихӯрокворӣ бошад, дар моҳи июли соли 2021 бештар қиматшавии нархи миёнаи маводи сӯзишворӣ 3,7 фоиз, бахусус сӯзишвории дизелӣ 1,8 фоиз, бензини навъи АИ-92 1,4 фоиз ва гази моеъ 10,3 фоиз ба мушоҳида расид.

Бояд қайд намуд, ки маводи сӯзишворӣ (вазни хоси он дар сабади истеъмолии кишвар (соли 2021) 2,0 фоиз) яке аз молҳои асосии ғайрихӯрокворӣ ба ҳисоб рафта, талаботи дохилии кишвар ба он пурра аз ҳисоби воридот қонеъ карда мешавад. Қимат шудани нархи маводи сӯзишворӣ боиси ба афзоиш ёфтани хароҷотҳои истеҳсолии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт, болоравии нархи маҳсулоти истеҳсолшаванда, хизматрасониҳо ва хароҷотҳои аҳолӣ оварда мегардад.

**Таваррми моҳона ва солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Тағйирёбии намояи нархи бензини АИ-92 ва гази моеъ, бо %, моҳона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтории онҳо дар таваррми солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)



Намояи нарху тарифаҳои хизматрасониҳои пулакие, ки ба аҳолӣ расонида мешаванд, дар моҳи июли соли ҷорӣ 0,7 фоиз раванди болоравӣ дошт. Ба ин раванд бештар қиматшавии нархи хизматрасонии газ (бахусус гази моеъ 10,3 фоиз) ва хизматрасониҳои манзилию коммуналӣ 2,2 фоиз мусоидат намуд.

**Ҳамин тариқ, таварруми солона дар моҳи июли соли 2021 ба 9,1 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 1,4 б.ф. зиёд мебошад.**

Сатҳи таварруми аслӣ, ки дар худ қисман омилҳои монетариро инъикос менамояд, дар моҳи июли соли ҷорӣ 0,08 фоизро ташкил намуда, бо арзёбии солона ба 1,9 фоиз баробар гардид. Ба ин раванд бештар болоравии нархи молҳои ғайрихӯрокворӣ ва маҳсулоти тайёри хӯрокворӣ саҳмгузорӣ намуд.

**Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади пешгирӣ ва бартараф намудани фишорҳои иловагии таваррумӣ дар доираи ваколатҳои худ бо истифода аз воситаҳои монетарӣ татбиқи сиёсати мутавозуни пулию қарзиро идома хоҳад дод.**

**Таварруми аслии солона, бо %,**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




[1] - тибқи маълумоти Агентии омор

| Намояи нархҳои истеъмолӣ (таварруми солона бо фоиз)* | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Вазн,% | 2019 | 2020 | | | | 2021 | | | | | Июл моҳона бо фоиз |
| | | | Март | Июн | Сентябр | Декабр | Март | Апрел | Май | Июн | Июл | |
| **Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасонӣ** | **100,0** | **8,0** | **9,3** | **8,4** | **6,6** | **9,4** | **9,9** | **8,3** | **8,4** | **9,4** | **9,1** | **0,4** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **48,1** | **11,4** | **13,5** | **12,4** | **7,6** | **13,5** | **13,5** | **9,0** | **9,0** | **10,9** | **12,4** | **0,4** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 15,1 | 16,5 | 13,5 | 25,3 | 15,1 | 13,8 | 10,4 | 1,0 | -5,0 | -3,7 | -3,1 | -0,6 |
| Биринҷ | 2,8 | 7,6 | 4,0 | -0,5 | -0,4 | 3,2 | 0,4 | -2,6 | -4,3 | -5,5 | -7,0 | 1,3 |
| Орд | 8,6 | 21,0 | 17,3 | 36,7 | 19,0 | 16,4 | 12,9 | -1,0 | -8,9 | -5,7 | -4,2 | -1,4 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 7,3 | 21,8 | 20,6 | 12,3 | 5,9 | 5,7 | 9,0 | 15,7 | 14,9 | 14,6 | 15,0 | 0,4 |
| Гӯшти гов | 3,9 | 25,9 | 25,2 | 14,0 | 5,7 | 6,2 | 9,5 | 16,9 | 15,8 | 15,5 | 16,5 | 0,5 |
| Тухм | 1,5 | 6,3 | -5,1 | -0,1 | -2,1 | 18,9 | 43,2 | 24,3 | 15,5 | 24,2 | 20,2 | -2,5 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 1,9 | 6,4 | 6,7 | 8,1 | 7,6 | 4,3 | 5,6 | 11,3 | 8,0 | 6,2 | 7,5 | 0,3 |
| Шир | 0,5 | 7,3 | 11,0 | 13,0 | 8,1 | 5,6 | 10,3 | 13,6 | 7,6 | 3,1 | 7,0 | 2,9 |
| Равғани рустанӣ ва ҳайвонот | 4,6 | -1,7 | 0,5 | 6,4 | 7,2 | 42,3 | 51,5 | 62,4 | 64,0 | 64,3 | 66,1 | 1,1 |
| Меваҷот | 4,1 | -2,2 | 12,1 | 18,6 | 11,5 | 4,7 | -6,4 | -11,4 | -16,3 | -9,5 | -5,2 | -0,8 |
| Сабзавот | 6,8 | 15,4 | 29,9 | 3,0 | -3,0 | 5,8 | 5,5 | -8,1 | 8,7 | 14,1 | 18,6 | 2,9 |
| Шакар | 1,9 | -5,1 | -0,2 | -2,0 | 13,1 | 40,8 | 46,7 | 42,3 | 42,5 | 41,0 | 43,1 | -0,5 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,4 | 8,1 | -0,8 | -0,2 | -2,1 | -2,2 | 4,5 | 4,6 | 1,3 | -1,7 | -1,9 | -0,1 |
| **Хӯроки умумӣ**** | **1,3** | **3,0** | **3,0** | **2,9** | **6,2** | **5,9** | **5,9** | **5,9** | **5,9** | **5,7** | **5,7** | **0,0** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **2,0** | **1,0** | **1,9** | **3,2** | **5,0** | **5,0** | **4,6** | **6,2** | **6,6** | **4,3** | **4,1** | **0,0** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **31,8** | **4,2** | **5,0** | **3,9** | **5,8** | **5,8** | **7,6** | **9,2** | **9,2** | **8,4** | **7,0** | **0,4** |
| Либос ва пойафзол | 11,3 | 13,4 | 4,2 | 3,8 | 4,1 | 4,5 | 4,9 | 4,9 | 4,6 | 4,1 | 4,0 | 0,0 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 4,2 | 4,9 | 5,5 | 6,5 | 8,0 | 8,0 | 7,8 | 7,7 | 6,9 | 6,5 | 6,4 | 0,9 |
| Маводи шустушӯй | 2,0 | 3,3 | 2,9 | 5,0 | 7,0 | 10,1 | 9,5 | 10,0 | 9,0 | 7,7 | 6,6 | 0,7 |
| Доруворӣ | 2,9 | 13,0 | 16,5 | 11,9 | 12,6 | 7,8 | 6,6 | 6,2 | 3,0 | -0,4 | -2,3 | -0,4 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 2,0 | -5,7 | 4,2 | -16,5 | -1,2 | -6,1 | 16,8 | 39,4 | 56,3 | 56,8 | 41,8 | 3,7 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,2 | -9,9 | -2,1 | -2,7 | 14,8 | 14,8 | 12,8 | 24,4 | 25,4 | 22,1 | 14,0 | -0,1 |
| Васоити нақлиёт | 1,1 | 0,8 | -0,7 | 2,7 | 2,8 | 3,2 | 4,3 | 4,3 | 4,3 | 4,2 | 3,9 | -0,1 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,8 | 3,8 | 2,9 | 8,4 | 7,5 | 8,8 | 9,3 | 9,7 | 8,0 | 5,6 | 5,1 | 0,1 |
| **Хизматрасониҳо** | **16,7** | **5,5** | **4,7** | **5,0** | **5,0** | **4,0** | **4,1** | **5,3** | **6,2** | **5,1** | **3,9** | **0,7** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 5,7 | 9,1 | 11,0 | 7,5 | 4,9 | 1,8 | 3,7 | 7,2 | 10,2 | 9,6 | 6,0 | 2,2 |
| Иҷорапулии манзил | 0,2 | 2,8 | 1,3 | 1,3 | 2,8 | 6,0 | 4,7 | 4,7 | 3,8 | 3,8 | 2,6 | -0,8 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 0,8 | 4,3 | 1,1 | 0,6 | 0,6 | 0,0 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 3,2 | 16,2 | 16,2 | 16,2 | 0,0 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,0 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Газ | 1,1 | -5,9 | 5,9 | -9,3 | 28,1 | 4,0 | 14,1 | 36,2 | 61,2 | 52,0 | 26,1 | 10,0 |
| Нақлиёт | 4,3 | 3,7 | -1,4 | 0,9 | 4,6 | 3,0 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 0,0 |
| Алоқа | 2,0 | 0,1 | 0,2 | 8,5 | 8,6 | 9,0 | 9,0 | 9,0 | 9,0 | 0,6 | 0,6 | 0,0 |
| Маориф | 1,8 | 1,5 | 1,6 | 1,6 | 7,7 | 9,3 | 8,8 | 8,8 | 8,8 | 8,8 | 8,8 | 0,0 |
| Тандурустӣ | 1,1 | 15,6 | 15,6 | 16,0 | 0,5 | 0,4 | 0,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Маишӣ | 1,6 | 3,8 | 4,4 | 3,1 | 2,6 | 6,7 | 5,9 | 5,7 | 5,6 | 5,5 | 4,6 | -0,4 |

*- Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои серистеъмоли аҳолиро дар бар мегирад. Маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо